# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Самадов Рамазонӣ Саидназарович дар мавзуи «Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) пешниҳод гардидааст.**

Забонҳои нави эронӣ нисбат ба ду давраи қаблӣ зиёд буда, дар ҳудуди кишварҳои форсизабон ва ҳатто берун аз он ҳам дар гардиш мебошанд. Забонҳои нави эронӣ бо истилоҳи «забонҳои зинда» низ зикр мешаванд, ки дар Тоҷикистон бештари онҳо мавҷуданд. Аз ҷумла ба ҷуз аз забони тоҷикӣ, забони яғнобӣ ё суғдии нав, забонҳои помирӣ: язғуломӣ, вахонӣ, ишкошимӣ, шуғнонӣ, рӯшонӣ, хуфӣ, бартангӣ, сарикӯлӣ мавриди истифода қарор доранд.

То кунун дастури мукаммали забони яғнобӣ интишор нашудааст. Барои пурра ошкор намудани сарватҳои забон дар муқоиса бо дигар забон омӯхтани он имкон фароҳам меорад, ки вижагиҳои бештари онро дарёб намоем. Аз ин рӯ, унвонҷӯ Самадов Р.С. мубрамии масъаларо дарк намуда ба таҳқиқи сайри таърихии унсури грамматикии аугмент, ки дар ташаккули замони гузаштаи феъли забони яғнобӣ мавқеи намоён дорад бипардозад.

Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқӣ иборат мебоашд.

**Дар муқаддима** мубрамӣ ва зарурати таҳқиқ, дараҷаи омӯзиш, ҳадафу объекти таҳқиқ, сарчашмаҳои пажуҳиш, мавзуъву масъалаҳои диссертатсия, усул таҳқиқот, эътимоднокии натиҷаҳои он, асосҳои методологӣ ва назариявии он, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии пажуҳиш, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда, саҳми шахсии довталаб, истифодаи натиҷаҳои он, интишори натиҷаҳои асосӣ ва сохтори диссертатсия маълумот дода шудааст.

**Боби нахустини диссертатсия - *«Аз таърихи зуҳури аугмент ҳамчун унсури замонсози феъл»*** номгузорӣ шуда фарогири ду фаслу ёздаҳ зерфасл

мебошад. Дар боби мазкур пайдоиш ва ташаккули аугмент дар забонҳои ғайриэронӣ: юнонӣ, арманӣ, фриқӣ, санскрит, ведоӣ, мавқеи корбурди он дар ташаккузи забони гузаштаи феъли забонҳои порсии қадим ва авестоӣ, таҳаввулоти замони гузаштаи феъл дар забонҳои миёнаи ғарбиэронӣ (порсии миёна) ва мавқеи аугмент дар забонҳои миёнаи шарқӣ-эронӣ (суғдӣ ва хоразмӣ) мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

Унвонҷӯ дар фасли аввал роҷеъ ба маънои луғавӣ, вазифа, мавҷудияташ дар забонҳои ҳиндуаврупоӣ ва муродифоти аугмент маълумот додааст. Дар зерфаслҳо бошад доир ба махсусиятҳои аугмент дар забонҳои юнонии қадим, арманӣ, фриқӣ, санскритӣ ва ведоӣ маълумот дода шудааст. Дар фаслҳои баъдӣ махсусиятҳои аугмент дар ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои эронии бостон ва миёна ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Барои муайян намудани хусусиятҳои забонҳои матрук муаллифро мебояд, ки сарчашмаҳои зиёдро аз назар гузаронад. Аз ин рӯ, унвонҷӯ Самадов Р. зимни баррасии мавқеи аугмент дар забони суғдӣ аз сарчашмаҳои зиёди илмии аз ҷониби ховаршиносон В.А. Лившитс, А.Л. Хромов, Б. Қариб, З. Заршинос, М. Исҳоқов ва ғайра таълифгардида истифода кардааст. Нахуст роҷеъ ба роҳҳои бавуҷудоии аугментҳо дар забони суғдӣ маълумот дода, сипас махусиятҳои онҳоро баррасӣ намудааст. Дар фасли охир доир ба мавқеи аугмент дар забон хоразмӣ сухан рафтааст.

**Боби дуюми диссертатсия –** ***«Нақши аугмент дар ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои нави эронӣ»*** номгузорӣ шуда, дарбаргирандаи ду фаслу шаш зерфасл мебошад. Дар боби мазкур, асосан таваҷҷуҳи муаллиф ба масоили корбурди аугмент дар забони яғнобӣ равона шудааст. Дар заминаи маводи фактологӣ аз матнҳои ҷамъовардаи муҳаққиқон аз дараи Яғноб ва забони зиндаи яғнобӣ махусиятҳои аугмент баррасӣ карда шудааст. Феълҳои забони яғнобӣ аз рӯйи сохтор ба се гурӯҳ тақсим мешаванд: а) феълҳои сода; б) феълҳои сохта; в)

феълҳои таркибӣ. Аугмент дар ҳар се шакл мавқеъҳои гуногунро доро буд.

Як бахши пажуҳиши боби мазкур ин муқоисаи хусусиятҳои аугмент дар забонҳои суғдӣ ва яғнобӣ буда, ҳангоми муқоиса маълум карда шудааст, ки агар бархе аз вижагиҳои аугменти забони суғдӣ дар забони яғнобӣ ҳифз шуда бошад, пас иддае аз байн рафтаанд.

Дар зерфаслҳои баъдӣ мавқеи корбурди аугмент дар ташаккули ҳаклҳои сода ва ҳикоягии замони гузаштаи феъли забони яғнобӣ, . махусисятҳои корбурди аугмент дар мобайни пешванди на- ва решаи феъл, мавқеи аугмент дар феълҳои таркибии номӣ ва феълӣ таҳқиқ карда шудааст.

**Боби сеюми диссертатсия – *«Муқоисаи шаклҳои замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва ягнобӣ»*** ном дошта дорои ҳафт фасл мебошад. Фасли аввал «Шакли замони гузаштаи содаи сиғаи хабарӣ» унвон дошта дар он ташаккули шакли замони гузаштаи содаи феъл дар забонҳои мавриди муқоиса аз лиҳози сохтор баррасӣ карда шудааст. Унвонҷӯ дар ин фасл ба натиҷе мерасад, ки дар миёни забонҳои муқоисашаванда тафовут, асосан дар истеъмоли аугмент мушоҳида мешавад, ки он дар ташаккули шакли замони гузаштаи содаи забони яғнобӣ мавқеи намоён дорад. Ба ҳамин минвол шаклҳои ҳикоягӣ, дур, дури давомдор, нақлӣ, шартӣ-хоҳишмандӣ, эҳтимолӣ мавриди муқоиса қарор гирифта монандӣ ва тафовутҳои онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Хулосаҳо** дар 15 банд оварда шудаанд, ки ҳамаги мавзуи диссертатсияро фаро мегиранд.

Бо вуҷуди комёбиҳо дар автореферати диссертатсия баъзе нуқсонҳо ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Зимни баррасии зерфасли панҷуми фасли якуми боби аввал, ки ба масъалаи корбурди аугмент дар забони ведой бахшида шудааст унвонҷӯ танҳо ба як сарчашма такя намудааст. Хуб мешуд, ки барои овардани

далоили бештар ба осори дигари марбут ба дастури забони ведой руҷуъ шавад.

2. Дар бахши русии автореферат ғалатҳои имлоӣ (с. 15, 16) ва техникӣ (с. 28, 32) ба чашм мерасанд.

Дар умум, эродҳои номбаршуда ҷузъӣ буда, арзиши илмии автореферaтро намекоҳонанд, балки ба ҳайси пешниҳод барои боз ҳам беҳтар гардидани арзиши илмии он мадад мерасонанд.

Ба ҳамин тариқ, диссертатсияи **Самадов Рамазонӣ Саидназарович** таҳти унвони **«Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ»** таҳқиқоти баанҷомрасида ба ҳисоб рафта, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа [PhD] – **доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ)** мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мирзоева Моҳира Мадиброҳимовна

Суроға:
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Алишер Навоӣ бинои 75, ҳуҷраи 28
Тел,: (+992) 937113028
E-mail: mirzoeva.mohira.11@mail.ru

**Имзои Мирзоева Моҳираро тасдиқ мекунам:**
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Суроғаи муассиса:
734003, Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ 17
Тел,: +992 (37) 221 62 25
E-mail: info@ tnu.tj

_01_ _сентябри_ соли 2025